**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Даминзода Мадина Зокир дар мавзуи “Вижагиҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти меъморӣ дар забонҳои гуногунсохтор (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ**

Диссертатсияи доктории Даминзода Мадина Зокир ба таҳқиқу омӯзиши хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳот, алалхусус, истилоҳоти соҳаи меъморӣ бахшида шудааст. Дар шароити муосир, ки бо рушди босуръати илму техника ва густариши мубодилаи дониш, афкор ва дастовардҳои илмӣ тавсиф мегардад, масъалаи таҳқиқ, омӯзиш ва танзими истилоҳоти соҳавӣ ба яке аз самтҳои муҳими забоншиносии муосир табдил ёфтааст. Аҳаммияти ин масъала, пеш аз ҳама, аз зарурати таъмини дақиқӣ, беихтилофӣ ва меъёрмандии истилоҳоти илмӣ дар раванди иртиботи касбӣ ва интиқоли донишҳои тахассусӣ бармеояд.

Муҳтавои диссертатсия низоми истилоҳоти соҳаи меъмориро ба таври комил танзим намуда, ҷанбаҳои забонии истилоҳот, аз ҷумла, вижагиҳои луғавии низоми истилоҳоти меъморӣ, муносибатҳои маъноӣ, таснифоти мавзуии истилоҳоти меъморӣ ва усулҳои ташаккули истилоҳоти меъмориро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Мақсади асосии таҳқиқи диссертатсионӣ муайян ва таҳлили муқоисавии вижагиҳои маъноӣ ва сохтории низоми истилоҳоти меъморӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Аҳаммияти кори диссертатсионии мазкур дар он ифода меёбад, ки истилоҳоти меъморӣ на танҳо воҳидҳои забонӣ, балки воҳидҳои мафҳумӣ ва фарҳангиро низ таҷассум намуда, таҷрибаи таърихӣ, суннатҳои меъморӣ ва ҷаҳонбинии фарҳангии ҷомеаро инъикос мекунанд.

Натиҷаи таҳқиқ метавонад ниёзҳои амалии ҷомеаро дар шароити рушди сохтмон ва меъмории муосир, инчунин, густариши робитаҳои

байналмилалӣ дар соҳаи меъморӣ, масъалаи дақиқии истифодаи истилоҳоти меъморӣ дар тарҷума, таълим ва муошрати касбӣ қонеъ намояд.

Навоварии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта барои пажӯҳишҳои минбаъдаи соҳаи истилоҳшиносӣ заминаи назариявӣ фароҳам оварда, дар таҳия ва танзими меъёрҳои ин самт нақши муҳим мебозанд. Инчунин, дар таҳияи фарҳангномаҳои истилоҳоти соҳавӣ, истилоҳоти меъморӣ ва таълифи китобҳои дарсӣ, барномаҳо ва дастуру васоити таълимӣ маводди диссертатсияи мазкур дорои аҳаммияти хоси амалӣ мебошад.

Бори аввал дар диссертатсияи мазкур низоми истилоҳоти меъморӣ ҳамчун як соҳаи махсуси истилоҳоти илмӣ-техникӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз дидгоҳи истилоҳшиносӣ ба таври мукаммал таҳлил гардида, таркиби луғавӣ ва сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти меъморӣ дар забонҳои муқоисашаванда муайян гардида, роҳҳои пайдоиш ва ташаккули истилоҳоти соҳаи мазкур нишон дода шудаанд. Ҳамчунин, бори нахуст сохтори маъноии истилоҳоти меъморӣ ва муносибатҳои маъноии байни воҳидҳои истилоҳӣ таҳлил ва тавсиф гардидаанд.

Диссертатсия ва автореферати Даминзода Мадина Зокир дар мавзуи "Вижагиҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти меъморӣ дар забонҳои гуногунсохтор (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар сатҳи амиқи дарку фаҳмиши масъалаҳои дар диссертатсия баррасигардида, дар натиҷаҳову хулосаҳои асосии таҳқиқ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин дар ифодаи мустақилонаи нуқтаи назари ӯ

нисбат ба мавзӯи омӯхташаванда таҷассум меёбад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мувофиқ мебошад.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 23 мақолаи муаллиф, аз ҷумла, 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 монография инъикос ёфтааст. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар матни диссертатсияи Даминзода Мадина Зокир истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои асосии пажӯҳиш ҷамъбаст гардида, моҳияти масъалаҳои меҳварии таҳқиқ инъикос ёфтаанд. Бо назардошти аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва арзиши амалии диссертатсия, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Даминзода Мадина Зокир кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Даминзода Мадина Зокир дар мавзуи "Вижагиҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти меъморӣ дар забонҳои гуногунсохтор (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи

ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Даминзода Мадина Зокир дар мавзуи "Вижагиҳои сохторӣ ва маънои истилоҳоти меъморӣ дар забонҳои гуногунсохтор (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

– **Мухторов Зайнидин Мухторович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе;

– **Азимова Матлюба Нуриддиновна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров;

– **Давлатмирова Манижа Бораковна** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи забоншиносии назариявӣ ва татбиқии Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон;

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" пешниҳод мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои

хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Муҳиддинова Таҳмина Ҳамроқуловна

"18" ___08___ соли 2026

Имзоҳои М.Т. Ҷабборова, М.Б. Нағзибекова, Т.Ҳ. Муҳиддиноваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова Мунира Ғайратовна